# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОН ДАР ПАЖӮҲИШГОҲ

28 майи соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон баргузор шуд. Ҷаласа таҳти роҳбарии директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ, Сироҷиддин Ниёзӣ доир гардида, масъалаҳои муҳимми марбут ба рушди соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сипас гузоришҳои ходимони илмии пажӯҳишгоҳ ироа гардиданд. Аз ҷумла, ходими калони илмии шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ Г.Пӯлотова дар мавзуи «Асосҳои илмию амалии равишҳои муосири таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимии типпи нави вилояти Хатлон ва нақши он дар рушди тафаккури техникӣ ва таҳлилию эҷодии хонандагон» ва мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, д.и.п., профессор Л. Иматзода «Таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар низоми маорифи навин» суханронӣ намуданд.

Дар идома раиси ҷаласа таъкид намуданд, ки мавзуҳои баррасишуда масъалаҳои муҳимми рушди соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, ба баланд бардоштани рушди тафаккури техникӣ, таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мубрам буда, дар низоми маорифи навин мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни ҷаласа масъалаҳои ҷорӣ низ мавриди муҳокима қарор гирифта, бо назардошти таклифу пешниҳоди иштирокдорон қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

















